| № | Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Тартиб ва шартҳои ворид намудани номи расмӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар рамзҳои давлатӣ ҳамчун унсурҳои ҳифзнашаванда дар тамғаи молӣ” | |
|---|---|---|
| 1 | Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Тартиб ва шартҳои ворид намудани номи расмӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар рамзҳои давлатӣ ҳамчун унсурҳои ҳифзнашаванда дар тамғаи молӣ” |
| 2 | Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3 | Доираи шахсоне, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо паҳн мегардад | Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки номи расмӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар рамзҳои давлатиро ҳамчун унсурҳои ҳифзнашаванда дар тамғаи молӣ истифода мебаранд. |
| 4 | Мухлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 10 январи соли 2023 |
| 5 | Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи қарори мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади маъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 октябри соли 2022 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи қарори мазкур аз 5 октябр то 8 ноябри соли 2022 гузаронида шуд. |
| 6 | Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз руйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи қарори мазкур аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. |

| | | |
|---|---|---|
| 7 | Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар яғон амал андешида нашавад | 1. Танзим нашудани муносибатҳо вобаста ба истифода бурдани номи расмӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар рамзҳои давлатӣ дар тамғаи молӣ;<br>2. Муайян набудани тартиби ба тамғаҳои молӣ ворид намудани номи расмӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва диғар рамзҳои давлатӣ;<br>3. Ба вуҷуд омадани баҳсҳо вобаста ба истифода бурдани номи расмӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар рамзҳои давлатӣ дар тамғаи молӣ;<br>4. Муайян набудани талабот вобаста ба ворид намудани номи расмӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар рамзҳои давлатӣ дар тамғаи молӣ. |
| 8 | Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Лоиҳа мазкур бо мақсади дар амал татбиқ намудани қисми 6 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» ва муайян намудани тартиб, шартҳои ворид намудани номи расмӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар рамзҳои давлатиро ҳамчун унсурҳои ҳифзнашавандаи тамғаи молӣ таҳия карда шудааст. |
| 9 | Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбинишудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асоснокунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Бояд қайд намуд, тибқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ба сифати тамғаи молӣ ба қайд гирифтани нишонаҳое, ки танҳо аз унсурҳои зерин иборатанд манъ карда шудааст:<br>- парчам, нишон ва дигар рамзҳои давлатӣ;<br>- номҳои ихтисоршуда ё пурраи созмонҳои байналмилалӣ, байниҳукуматӣ, нишонҳо, парчамҳо ва дигар рамзҳои онҳо;<br>- тамгаҳои расмии назоратӣ, кафолатӣ ва тамғаҳои маҳак, мӯҳрҳо, нишонаҳо ва аломатҳои дигари фарққунанда ё аломатҳое, ки то дараҷаи омехташавӣ ба онҳо монанд мебошанд.<br>Унсурҳои дар боло зикргардида метавонанд ҳамчун унсурҳои ҳифзнашаванда ба тамғаи молӣ ворид карда шаванд, агар дар ин хусус розигии мақомоти |

| | | |
|---|---|---|
| | | ваколатдор мавҷуд бошад.<br>Мутобиқи моддаи 8 Қонуни болозикр Тартиб ва шартҳои ворид намудани номи расмӣ, Парчам, Нишонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар рамзҳои давлатиро ҳамчун унсурҳои ҳифзнашавандаи тамгаи моӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.<br>Дар лоиҳаи мазкур чораҳои зерин пешбинӣ карда шудааст:<br>- пешниҳоди ҳуҷҷат вобаста ворид намудани номи расмӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар рамзҳои давлатӣ ҳамчун унсурҳои ҳифзнашаванда дар тамғаи молӣ;<br>- омода намудани хулосаи экспертӣ оид ба воридсозии унсурҳои ҳифзнашаванда ба тамғаи молӣ ё рад намудани онҳо;<br>- таъсиси Комиссия оид ба баррасии хулоса доир ба нишонаҳои дарбаргирандаи унсурҳои ҳифзнашаванда;<br>- гирифтани хулоса оид ба имконпазир ё имконнопазир будани воридсозии номи расмӣ ва рамзҳои давлатӣ ҳамчун унсурҳои ҳифзнашаванда ба тамғаи молӣ. |
| 10 | Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Лоиҳа дар маҷмӯъ барои ба танзим даровардан ва мукаммал намудани муносибатҳои соҳаи мазкур равона гардидааст.<br>Бидуни таҳияи чунин санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамгаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» пешбинӣ намудааст, ҳалли мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳавӣ ва ба танзим даровардани муносибатҳои мазкур ғайриимкон мебошад. |
| 11 | Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоиӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари | Қабули лоиҳаи қарори пешниҳодшаванда аз буҷети давлатӣ маблағҳои иловагиро талаб намекунад.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>- сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии аҳолӣ баланд мегардад;<br>- ҳифзи муҳити зист ва саломатии аҳолӣ таъмин мегардад; |

| | | |
|---|---|---|
| | интихобшудаи ҳалли мушкилот | - истифодаи борҷомаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва бехатар.<br>Оқибати иқтисодии лоиҳаи мазкур:<br>Таъмини бозори дохилӣ бо борҷомаҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ва бехатар. |
| 12 | Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Муносибатҳо вобаста ба шартҳои ворид намудани номи расмӣ, Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар рамҳои давлатӣ ҳамчун унсурҳои ҳифнашавандаи тамғаи молӣ танзим мегарданд. |
| 13 | Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 10 январи соли 2023 |

Директори Муассисаи давлатии
«Маркази миллии патенту иттилоот»-и
Вазорати рушди иқтисод ва савдои
Ҷумҳурии Тоҷикистон Исмоилзода М.Ҳ.